# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи номзадии Ташрифзода Фозил Қурбон дар мавзуи **«Таърихи таъсис ва рушди муассисаҳои таълимии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1991-2024)»** аз рӯйи ихтисоси 6.1.- Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1.-Таърихи ватанӣ).

Ба даст овардани Истиқлолияти давлатии Ҷумҳури Тоҷикистон барои таҳқиқи саҳифаҳои нави таърихи халқи тоҷик шароити мусоиди илмӣ фароҳам овард. Дар ин асос муаллифи рисолаи диссертатсионӣ яке аз мавзуҳои мубрам ва норушани таърихи халқи тоҷикро вобаста ба мавзуи «Таърихи таъсис ва рушди муассисаҳои таълимии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1991-2024)» таҳқиқ намуда, бо навгониҳои илмӣ маводи омӯзиширо дар масъалаи таҳлилу баррасии муассисаҳои таълимии мақомоти корҳои дохилӣ тақвият дода, бори нахуст мавзуи мазкурро бо таҳқиқоти илмӣ ба анҷом расонида, хулоса ва тавсияҳои худро барои рушд ва ташаккули муассисаҳои таълимӣ пешниҳол намудааст.

Рисолаи номзадии Ташрифзода Фозил Курбон аз сарсухан се боб ва шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт ва аз сарчашмаҳои истифодашуда иборат аст.

Муаллиф дал сарсухани рисолаи илмӣ мақсад ва вазиф таҳқиқро баён намуда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқотро барои ғанӣ гардонидани ду фанни таълимӣ «Таърихи халқи тоҷик» ва «Таърихм мақомоти ҳифзи ҳуқуқ» нишон додааст, ки дар муассисаҳои олӣ ва миёнаи махсуси Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯхта мешавад.

Мавзуи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих дар асоси талаботҳои шиносномаҳои ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз руйи ихтисоси 6.1.-Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1.-Таърихи ватанӣ) мутобиқ мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки муаллиф дар баробари таҳқиқи мавзуъ инчунин паҳлуҳои таҳқиқнашудаи таърихи милтисияи тоҷикро таҳлилу баррасӣ намуда, дар ин асос нақши Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун муассиси Мактаби Олдии ВКД, Академияи ВКД, Коллеҷи милитсияи ВКД, Колеҷи техникӣ-оташнишонии ВКД ва дигар муассисаҳои тьаълимии зертобеи онро бо маводи зарурии илмӣ ва бойгонӣ таҳқиқ намуда, хусусиятҳои хоси таълиму тарбия ва пешбурди корҳои илмиро дар муассисаҳои номбурда инъикос намудааст.

Муаллифи рисола таҳқиқоти илмиро пурра ба анҷом расонида, хулосаҳои мушаххаси худро пешниҳод намудааст:

- ташаккули касбияти кормандони милитсия ва омодасозии онҳо дар замони шуравӣ ташаккул ёфта, аз норасоӣ ва камбудӣ орӣ набуд;

- аз таҷрибаи таърихӣ бармеояд, ки то охири солҳои 60-уми асри XX дар қаламрави Тоҷикистон мактаби махсуси милитсия вуҷуд надошт. Танҳо мактаби миёнаи махсуси милитсияи Душанбегии ВКД ИҶШС соли 1970 ба фаъолият оғоз намуд, ки дар омода намудани кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нақши калидӣ доштааст.

- фаъолияти таълимӣ-илмӣ ва таҳқиқотии муассисаҳои таълимии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи Истиқлолияти давлатӣ ба таври густурда ба роҳ монда шуда, сифати таълим хеле баланд гардид;

- муассисаҳои таълимии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баланд бардоштани сатҳи фарҳанги касбӣ ва педагогии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ саҳми назаррас доранд;

- муассисаҳои таълимии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан Академияи ВКД фаъолияти худро тақвият дода, ҳамкориҳои судманди худро бо як қатор кишварҳои хориҷ, махсусан Федерассияи Россия, давлатҳои аъзои ИДМ, Ҷумҳурии мардумии Чин ва созмонҳои байналмилалию минтақавӣ дар самти омода намудани кадрҳои баландихтисоси мақомоти корҳои дохилӣ ба роҳ мондааст.

Забони баёни рисолаи илмӣ ба талабот ҷавобгӯ мебошад. Дар рисола баъзан ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд, ки қиммати илмии рисоларо кам намекунад.

Ҳамин тариқ рисолаи номзадии Таширифзода Фозил Қурбон дар мавзуи «Таърихи таъсис ва рушди муассисаҳои таълимии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1991-2024)» кори анҷомёфтаи илмӣ буда, ба талаботи илмӣ ҷавобгӯ буда, муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих омода мебошад.

Мудири кафедраи таърихи умумии
Донишгоҳи давлатии Данғара
номзади илмҳои таърих Алишери А.

**«Имзоми н.и.т., дотсент Алишери Амирхонро тасдиқ мекунам»**
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии Данғара Тоирзода С.Т.
4.02.2026.

Суроға: 735320 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Вилояти Хатлон, н. Данғара, кӯчаи
Марказӣ 25
Тел: (+922) 900313931